*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 147 (4567) | ҶУМЪА, 25 НОЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАЛАСАИ ШӮРОИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪИИ СААД

**23-юми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Еревани Ҷумҳурии Арманистон дар ҷаласаи Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) иштирок ва суханронӣ карданд.**

Ҷаласаи Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ бо иштироки сарони давлатҳои аъзои СААД таҳти раёсати Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон, Раиси Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Никол Пашинян дар ҳайати маҳдуд оғоз гардида, кори он бо иштироки ҳайатҳои васеъ идома ёфт.

Дар кори ҷаласа масъалаҳои мубрами амнияти байналмилалӣ, минтақавӣ ва натиҷаҳои асосии фаъолияти Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ баррасӣ гардид.

Сарвари давлат бори дигар аз аҳамияти таҳкими ҳифзи сарҳади давлатии Тоҷикистону Афғонистон, ҳамчун сарҳадоти ҷанубии минтақаи СААД, ёдовар шуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо натиҷагирӣ аз давраи раёсати Ҷумҳурии Арманистон дар Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба Сарвазири ин кишвар Никол Пашинян ҷиҳати ташкили сатҳи баланди тадорукотии кори ҷаласа ва иҷрои корҳо дар давраи раёсат дар СААД изҳори сипос намуда, Президенти Ҷумҳурии Беларус муҳтарам Александр Лукашенкоро ба муносибати қабули раёсат дар Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ табрик гуфтанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, фаъолияти пурсамари Дабири кулли Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Станислав Засро таъкид намуда, ба роҳбари навтаъини СААД Имангали Тасмагамбетов барори кор орзу намуданд.

Аз рӯи натиҷаи кори ҷаласаи Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ як қатор санадҳо қабул карда шуд.

**www.president.tj**

## ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ ДАЛЕЛИ ВОЗЕҲИ СОҲИБВАТАНИВУ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ МОСТ

### Паёми шодбошии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ

шаҳри Душанбе, 24-уми ноябри соли 2022



**Ҳамватанони азиз!**

Имрӯз сокинони Тоҷикистони соҳибистиқлол боз як санаи муҳими таърихӣ – сиюмин солгарди қабули Парчами давлатиро бо ифтихору шукргузорӣ аз давлату давлатдории миллӣ ва дар фазои орому осудаи кишвар таҷлил менамоянд. Ба ин муносибат мардуми шарифи Тоҷикистонро самимона табрик мегӯям.

Чанд рӯз пеш мо – мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол яке аз санаҳои муҳим ва тақдирсози таърихи миллат – 30-юмин солгарди Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олиро, ки Парчами давлатӣ маҳз дар ҷараёни баргузории он 24-уми ноябри соли 1992 қабул гардид, ботантана таҷлил намудем.

Соли 1994 Конститутсияи Тоҷикистони соҳибихтиёр бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуд, ки дар он Парчами давлатии кишварамон дар баробари дигар рамзҳои давлатӣ ҳамчун нишонаи ҳастӣ ва пойдории давлатдории миллии тоҷикон дарҷ гардид.

Сӣ сол мешавад, ки ин рамзи муқаддаси миллии мо дар тамоми гӯшаву канори мамлакат парафшонӣ мекунад ва барои дастоварду пирӯзиҳои фарзандони арзандаи миллат дар кишварҳои гуногуни олам баробари садо додани Суруди Миллӣ афрохта мешавад.

Парчами давлатӣ ҳамчун муқаддастарин рамзи давлатдории мо бо се ранги худ баёнгари ҳувият, таърих ва моҳияти давлати тоҷикон ва далели возеҳи соҳибватаниву соҳибистиқлолии мо мебошад.

Қабули Парчами давлатӣ дар давраи ниҳоят ҳассоси таърихи давлати тозаистиқлоламон ба мардуми мо тавону қувваи тоза бахшид ва онҳоро муттаҳид сохт, ки таҳти парафшонии маҳз ҳамин Парчами давлатӣ сохти конститутсиониро барқарор ва сулҳу оромиро дар кишвар таъмин намоянд.

Парчами давлатӣ рамзест, ки қудрати муттаҳидкунанда дорад ва дар қалби ҳар як шаҳрванд ғурури миллӣ ва эҳсоси гарми ватандориро бедор мекунад. Бинобар ин, ҳифзи Парчами давлатӣ ва арҷгузорӣ ба он нишонаи ҳисси баланди миллӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ мебошад.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ иброз намоям, ки мардуми Тоҷикистон, хусусан наврасону ҷавонон, аз рӯзи қабули Парчами давлатӣ ҳамеша ба он эҳтиром мегузоранд, онро аз ҷумлаи муқаддасоти миллӣ ва нишони зиндагии осудаву ороми хеш медонанд.

Воқеан, Парчами давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол мояи ифтихор ва сарфарозии ҳар як шаҳрванди худшиносу худогоҳ ва ватандӯсту ватанпарасти мамлакат ба ҳисоб рафта, ҳар сол бо камоли ифтихору эҳтиром нисбат ба ин рамзи давлати соҳибистиқлоламон таҷлил мегардад.

Қабули Парчами давлатӣ ба мо имкон дод, ки ба мазмуну моҳияти ҳаёти давлат ва ҷомеаи худ бо диди нав назар андозем, ба таърихи гузаштаи халқамон бо чашми ибрат нигоҳ кунем ва ба сӯи ояндаи дурахшону ободи давлату халқи Тоҷикистон бо эътимоди қавӣ қадам гузорем.

Ҷашн гирифтани Рӯзи Парчами давлатӣ арҷгузорӣ ба хизматҳои фидокоронаи фарзандони бузурги халқамон Куруши Кабиру Исмоили Сомонӣ, Шераку Деваштич, Спитамену Муқаннаъ, Темурмалик, Рӯдакиву Фирдавсӣ ва садҳову ҳазорон абармардони гузаштаамон мебошад, ки дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик барои ҳифзи ному нанг ва ҳимояи марзу буми аҷдодӣ ҷоннисориҳо карда, забон, фарҳанг ва оину суннатҳои мардуми куҳанбунёдамонро то замони мо расонидаанд.

Аз ин рӯ, эҳтироми Парчами давлатӣ ва расидан ба қадри он ҳамчун яке аз рамзҳои муқаддаси Ватани соҳибистиқлол аз ҷумлаи вазифаҳои инсонӣ ва қарзи шаҳрвандии аҳли ҷомеаи мо, хусусан наврасону ҷавонони кишвар, ба ҳисоб меравад ва зарур аст, ки ҳисси ифтихор аз он дар зеҳну шуури ҳар як фард ҳанӯз аз синни хурдсолӣ тарбия карда шавад.

Дар шароити ниҳоят мураккабу ҳассоси замони муосир ва равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ масъалаҳои ҳифзи истиқлолу озодӣ, суботу оромӣ, муқаддасоту арзишҳо, суннату анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ барои мо аҳамияти рӯзафзун пайдо карда истодаанд.

Аз ин рӯ, мо – мардуми Тоҷикистон – вазифадорем, ки дар зери Парчами давлатӣ боз ҳам бештар муттаҳид бошем, барои ҳимояи марзу буми Ватани азизамон, пойдории давлату давлатдории навинамон саъю талош намоем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, манфиатҳои милливу давлатии худро ҳифз кунем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату сарҷамъиро таҳким бахшем ва ҷойгоҳу обрӯи Тоҷикистони маҳбубамонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардорем.

Бигузор, Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи ифтихору сарбаландӣ, нангу номус ва сарҷамъии миллат дар фазои осудаву ороми кишварамон то абад парафшон ва илҳомбахши раванди созандагиву рушди Ватани азизамон – Тоҷикистон бошад.

Бори дигар Рӯзи Парчами давлатиро ба мардуми шарифи Тоҷикистон самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар як фарди Ватан бахту иқбол ва ба давлати соҳибистиқлолу озодамон амнияту осоиш ва рушди устувор орзу менамоям.

**Рӯзи Парчами давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

## ЭҲТИРОМИ ПАРЧАМ АРҶГУЗОРӢ БА АРЗИШҲОИ МИЛЛИВУ ДАВЛАТИСТ



**Бисту чоруми ноябри соли равон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Парчами давлатӣ чорабинии тантанавӣ баргузор гардид. Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода гуфт, ки Парчами давлатӣ таҷассумгари асосҳои таърихиву мероси арзишманди миллӣ, ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормони халқи тоҷик ба ҳисоб рафта, рангу аломатҳои он ифодагари воқеияти роҳи таърихии халқи мост.**

- Парчами давлатӣ барои ҳар халқу миллат муқаддас аст, зеро дар назди он аз Президенти мамлакат то сарбози одӣ савганди садоқату вафодорӣ ёд мекунанд. Арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла парчам, арҷ гузоштан ба тамоми арзишҳои дирӯзу имрӯз ва фардои миллат аст.

Ин ҷашн эҳтиром ба рӯҳи қаҳрамонони миллат, онҳое, ки дар тӯли таърих ҷоннисориҳо карда, забон, фарҳанг ва ҳаққи давлатдории ин миллати куҳанбунёдро эмин ва пос доштаанд, яъне Коваи оҳангару Куруши Кабир, Шераку Деваштич, Исмоили Сомониву Темурмалик, Рӯдакиву Фирдавсӣ ва ҳазорон абармардони гузаштаи мост, - зикр кард Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Қодири Қосим  аз таърихи парчамдории халқи тоҷик ёдоварӣ карда гуфт, ки онро чор ҳазор сол пеш барои муттаҳид кардани мардум барои ба даст овардани ҳадафҳои ягона, ба мисли озодӣ, ободӣ, истиқлолият ва ғайра истифода мекарданд.

Номбурда инчунин иброз дошт: «Парчами давлатӣ дар шароите тасдиқ гардид, ки Тоҷикистони соҳибихтиёри мо дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ нахустин қадамҳои худро мегузошт. Душманони дохиливу берунӣ бо ҳар роҳу восита оромиро дар кишвар халалдор мекарданд. Дар он шароит Парчами давлатии ҷумҳурии соҳибистиқлол бо ҷаҳду талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гашт, ки аз рангҳои сурх, сафед, сабз ва тоҷу ҳафт ситора иборат буда, ҳар кадом рамзи хос дорад.



Аз соли 2009-ум инҷониб 24-уми ноябр дар ҷумҳуриамон Рӯзи парчами давлатӣ сазовор таҷлил мегардад. Мардуми Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери Парчами давлатӣ ба ҳам омада, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшиданд, ба кишвар сулҳу оромӣ ва ба сокинони мамлакат осоишро фароҳам оварданд. Алҳол Парчами давлатии мо дар қатори парчами дигар кишварҳо дар созмонҳои баландпояи ҷаҳонӣ барафрохта шудааст, ки мояи ифтихору рӯҳбаландӣ ва эҳтироми ҳамаи ҳамватанонамон мебошад», - хулоса кард номбурда.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода аз рафти қабули Парчами давлатӣ ёдовар шуда, онро яке аз дастовардҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кард. Бино ба гуфти ӯ, маҳз дар раванди баргузории иҷлосияи мазкур, 24-уми ноябри соли 1992 таҳти раёсати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори дигар иқдомҳо масъала «Дар бораи Парчами давлатӣ ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ баррасӣ гардид.

Воқеан, нақши вакилони иҷлосияро дар баррасии ин масъалаи муҳим ва қабули қарорҳои дахлдор дар ин самт, махсус қайд кардан зарур аст.

- Ҳамин тавр, 24-уми ноябри соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон расман соҳиби аввалин рамзи давлатӣ - Парчами давлатӣ гардид, ки дар асоси муқаррароти моддаи 3-юми Конститутсияи Ҷумҳурии



Тоҷикистон Парчам дар баробари Нишон ва Суруди Миллӣ яке аз рамзҳои давлатӣ эътироф шуд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатӣ» омадааст, ки эҳтироми Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ ифтихори миллии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Парчами давлатӣ таҷассумгари асосҳои давлат ва нишони давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад, - зикр кард номбурда.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ ДАҲУМИ КОМИССИЯ ОИД БА ҲАМКОРИИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ШӮРОИ ФЕДЕРАТСИЯ

**23-юми ноябри соли 2022 ҷаласаи даҳуми Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия баргузор гардид.**

Дар оғози ҷаласа, ки дар он аъзои Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия аз ҳар ду ҷониб иштирок доштанд, ҳамраисони комиссия Аҳмадзода Раҷаббой ва Николай Журавлёв бо суханони ифтитоҳӣ баромад карданд.

Изҳори боварӣ гардид, ки мулоқоту ҳамоишҳои парламентӣ, аз ҷумла ҷаласаи Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия, ба тавсеаи муносибатҳои ҳар ду кишвар такон мебахшад.

Нахуст, тибқи рӯзномаи ҷаласа, масъалаи дастури комиссия мавриди баррасӣ қарор гирифта, сипас аъзои он доир ба рафти татбиқи «Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода», аз 17-уми апрели соли 2019, ки таҳсилоташон бо забони русӣ ба роҳ монда мешаванд, эътирофи мутақобилаи дараҷаҳои илмӣ ва дигар масъалаҳои муҳим мубодилаи афкор намуданд.

Натиҷаҳои амалишавии нақшаи кори комиссия дар соли 2022, лоиҳаи нақшаи кори комиссия барои соли 2023, инчунин вақт ва макони баргузории ҷаласаи ёздаҳуми комиссия низ мавриди баррасӣ қарор гирифта, вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардид.

**www.majmilli.tj**

Иҷлосияи ҷоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҚАБУЛ ШУД

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Дар бораи лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм» сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Раванди босуръати инкишофи муносибатҳои устувори иқтисодӣ дар кишвар ва ҷаҳонишавии масъалаҳо оид ба он яке аз омилҳои муайянкунандаи такмил ва дар таҳрири нав таҳия кардани лоиҳаи Кодекси маданӣ ба ҳисоб меравад. Қабули дигар қонунҳо вобаста ба муносибатҳои маданӣ, зарурати бартараф кардани мухолифати онҳо ба Кодекси маданӣ, ки татбиқи меъёрҳоро дар амал душвор мегардонданд, инчунин аз ҷиҳати забонӣ ва истилоҳот коста будани мазмуну мундариҷаи кодекси амалкунанда низ зарурати такмили онро ба миён овард.

Баъди қабули Кодекси граждании соли 1999 дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таҳаввулоти зиёд ба амал омад, ки баъзе аз ҷанбаҳои он дар қонунгузории гражданӣ инъикос ва танзим наёфтанд. Чунин дигаргуниҳо на танҳо дар фазои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳое, ки мо бо онҳо дар як фазои ҳуқуқӣ қарор дорем, ба миён омаданд.

Бинобар ин, дар лоиҳаи кодекси нав мушкилоти муҳими ҷойдошта ҳаллу фасл ва танзими ҳуқуқии онҳо мушаххас пешбинӣ гардида, норасоӣ ва мухолифатҳои ҷойдошта ислоҳ ва бартараф карда шуданд. Аз ҷумла, ҳалли таносуби байни кодекс ва дигар қонунҳо, сохтор ва пайдарҳамии ҷойгиршавии ниҳодҳои алоҳида, такмили танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, мушаххасгардонии навъҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, таҷдид кардани масъалаи сирри хизматӣ ва сирри тиҷоратӣ ҳамчун объекти ҳифз, такмили ниҳодҳои кафолат ҳамчун иҷрои уҳдадориҳо ва ғайра таҳия гардидааст.

Дар ин замина, барои муайян кардани меъёрҳо оид ба соҳибият ва ҳимояи он дар лоиҳаи кодекс аввалин маротиба мафҳум, субъектҳо, объектҳо, асосҳои ба даст овардани соҳибият, соҳибияти қонунӣ, соҳибияти бовиҷдонона, ҳимояи соҳибият, тақсимоти гаронии исбот ҳангоми ҳимояи соҳибият пешбинӣ гардида, муносибатҳои ҷамъиятии дар ин замина бавуҷудоянда мавриди танзим қарор дода мешаванд.

Ҳамчунин, ба кодекс боби нав вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои ашё дар маҷмӯъ ворид гардидааст, ки он ба масъалаҳои воситаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои ашё, талаб карда гирифтани ашё аз соҳиби ғайриқонунӣ он, талаб карда гирифтани ашё аз соҳиби бевиҷдонона бадастоварда, ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми баргардонидани ашё аз соҳиби ғайриқонунӣ, бартараф намудани вайронкунии ҳуқуқи ашё, озод кардани ашё аз ҳабс, инчунин, ба эътирофи ҳуқуқи ашё ва дигар муносибатҳо ба танзими ҳамаҷониба фаро гирифта шуданд.

Як қатор навгониҳои ҷиддӣ дар намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳо ва шартномаҳо дар лоиҳа пешбинӣ шудааст. Дар ин самт муносибатҳои нав ба миён омадаанд, ки зарурати танзимро тақозо мекунанд. Масалан, шартномаҳои рента, суратҳисоби бонкии эскроу, сохтмони ҳиссагии биноҳои истиқоматӣ, консессионӣ ва ғайра дар доираи кодекси мазкур мавриди танзими ҳамаҷониба қарор гирифтанд.

Лоиҳаи кодекс бо дарназардошти талаботи муосир ва воқеияти имрӯза таҳия гардида, марҳилаи навбатии рушди танзими ҳуқуқии муносибатҳои маданиро инъикос мекунад.

Он дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсиси гурӯҳи корӣ такмил дода шуда, таклифу пешниҳодҳои судманд, ки барои боз ҳам сода ва равону фаҳмо баён гардидан, мушаххас ва дақиқ ифода ёфтани меъёрҳои кодекс кумак расониданд, ба инобат гирифта шуданд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи кодекси пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА: -** Аз рӯи масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26-уми апрели соли 2013 ва дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2019 таҳия гардидааст.

Лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Қонунгузории маданӣ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин кодекс, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Дар лоиҳаи кодекси пешниҳодшуда на танҳо бартарияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории мадании ҷумҳурӣ, балки бартарияти қоидаҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба қоидаҳои пешбиникардаи қонунгузории маданӣ муқаррар шудааст.

Кодекси маданӣ санади меъёрии ҳуқуқии кодификатсияшудае мебошад, ки муносибатҳои ҳуқуқии маданиро ба танзим медарорад ва дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусӣ мавқеи хоса дорад.

Сохтори кодекси маданӣ ба сохтори соҳаи ҳуқуқи маданӣ мувофиқ буда, вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муомилоти маданӣ, асосҳои пайдоиш ва тартиби татбиқи ҳуқуқ ба моликият ва дигар ҳуқуқи ашёӣ, ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии ба он баробаркардашударо муайян мекунад, уҳдадориҳои шартномавӣ ва дигар навъи уҳдадориҳо, инчунин дигар муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёни он асос ёфтааст, танзим менамояд.

Дар маҷмӯъ, лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1351 модда, ки дар 9 фасл ва 76 боб мураттаб гардидаанд, иборат мебошад.

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2022 таҳти № 1020 лоиҳаи кодекси мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон ва Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният барои баррасӣ ва ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Бо такя ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2022 таҳти № 1020 кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба лоиҳаи кодекси мазкур хулосаҳои бо теъдоди зиёди таклифу пешниҳод барои баррасӣ ба кумитаҳои масъул манзур карданд.

Баъдан, лоиҳаи кодекс барои баррасӣ ба ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гашта, бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 - уми июни соли 2022 таҳти № 743 дар хониши якум қабул карда шуд.

Сабаби қабул кардани он дар хониши якум, пеш аз ҳама, калонҳаҷм будани кодекс ва теъдоди зиёди таклифу пешниҳодест, ки аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа шуданд.

Баъди дар хониши якум қабул гардидани лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм ҷиҳати манзур кардани пешниҳод доир ба лоиҳаи кодекси мазкур то 1-уми сентябри соли 2022 ба субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Дар иртибот ба ин, гурӯҳи кории назди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ватанзода, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Ализода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Р. Шоҳмурод, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Р. Раҷабзода, раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Ҷ. Муртазозода, муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Каримзода, муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Маҳмадшозода, мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Б. Шамолиён ва мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон И. Таваккалзода лоиҳаи кодексро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода, матни русии онро ба матни забони давлатӣ мутобиқ, хатоҳои имлоиро ислоҳ ва дар маҷмӯъ матни лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо риояи тартиби муқарраркардаи боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» такмил доданд.

Бо назардошти пешниҳоди воридгардида аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва хулосаи Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи кодекс такмил дода шуда, як боб, як параграф ва беш аз 24 моддаи лоиҳа дар таҳрири нав ифода гардида, ба зиёда аз 700 моддаи дигар тағйироту иловаҳои ҷудогона ворид карда шудааст.

Лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюмро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Марҳамат.

**Сумангул ТАҒОЙЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ принсипҳои башардӯстӣ ва озодона кору зиндагӣ кардани инсонҳоро дарҷ намуда, ҷиҳати дар амал татбиқ гардидани онҳо пайваста кӯшишҳои судманд ба харҷ дода истодааст.

Ҳар як санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида бояд дар навбати аввал инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ эътироф ва ҳифз намояд, яъне барои зиндагии шоистаи афроди ҷомеа, фаъолияти пурсамари ташкилоту корхонаҳои давлативу ғайридавлатӣ, соҳибкорону тоҷирон, пешрафти иқтисодиёти кишвар, сулҳу субот, оромии сиёсӣ шароити мусоид фароҳам орад ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро ҳаматарафа танзим намояд.

Бо рушд ва таъсирбахш гардидани мавқеи инсон дар ҳама соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ, талабот ба танзими муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ зиёд мегардад. Дар ин ҷода саҳми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон калидӣ буда, муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии ба худмухторӣ ва баробарӣ асосёфтаи иштирокчиёни онро дар замони муосир ба низом медарорад.

Аз ин рӯ, баҳри амалӣ кардани ҳадафҳои асосии «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» зарурат пеш омад, ки дар заминаи дастовардҳои илми ҳуқуқи гражданӣ ва хусусияти миллӣ касб кардани сиёсати ҳуқуқии гражданӣ бояд қонунгузории маданӣ такмил дода шавад.

Боварии комил дорем, ки қабули лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав баҳри амалишавии муқаррароти Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷиҳати бунёди ҷомеаи адолатпарвар, давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона, иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳар як инсон, рушди кишвар, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистони озод саҳми муносиб мегузорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Боз кӣ дар ин масъала баромад кардан мехоҳад?

**Солеҳа ХОЛМАҲМАДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҳуқуқи гражданӣ (маданӣ) яке аз соҳаҳои қадимаи ҳуқуқшиносӣ буда, Кодекси маданӣ (гражданӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни асосии танзими муносибатҳои муҳими ҳаёти хусусӣ мебошад.

Институти ҳуқуқи маданӣ (гражданӣ) муносибатҳои асосӣ ва ҳаррӯзаи ҳар як узви ҷомеа – шаҳрвандон ва ташкилотҳо, инчунин муносибатҳои дигари молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии марбут ба онҳоро танзим менамояд. Аз лаҳзаи таваллуд шаҳрванд номи худро ба даст меорад ва иштирокчии муносибатҳои маданӣ мегардад.



Ташкилот ҳангоми таъсисёбӣ номи муайянро ба даст меорад ва ҳуқуқи иштирокчии муносибатҳои муайяни маданӣ (гражданӣ) гардиданро пайдо мекунад. Тааллуқ доштани ашё ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ тибқи ҳуқуқи маданӣ ба танзим дароварда мешавад. Нест ягон муносибате, ки дар он унсури муайяни ҳуқуқи маданӣ (гражданӣ) ҷой надошта бошад.

Бинобар он зарурати пешниҳод ва қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо дарназардошти муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва дигаргуниҳои ба вуҷудомада пеш омад.

Лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати хеле муҳим буда, мутобиқати ҳамаи санадҳо ба ҳамин кодекс, таносуби илмҳои сивилӣ (маданӣ), равона гардида, ҷиҳати ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим дорад.

Яке аз масъалаҳои калидии лоиҳа дар ном ва матни кодекс истилоҳи «гражданӣ» мутобиқ ба услуби ифода дар забони давлатӣ ба истилоҳи «маданӣ» иваз карда шуд. Гуруҳи корӣ ба имкониятҳои забони давлатӣ рӯ оварда, барои ба забони илми ҳуқуқи маданӣ табдил ёфтани кодекси мазкур саҳми арзанда гузоштанд.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон номидани ин қонуни муҳими ҳаёти хусусӣ аз риояи ҳатмии талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 – уми октябри соли 2009 таҳти № 553 ва моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» гувоҳӣ медиҳад. Вожаи «маданӣ» ифодагари моҳияти муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии субъектҳои ҳуқуқи маданӣ (гражданӣ) мебошад, ки кодекси мазкур ба танзим медарорад.

Дар қисми якуми лоиҳа асосҳои умумии қонунгузории маданӣ муқаррар гардида, дар он муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода, мустақилияти молумулкии иштирокдоронашон асос ёфтаанд, танзим менамояд.

Қисми дуюми кодекс ба навъҳои алоҳидаи уҳдадориҳо бахшида шуда, бо назардошти ташаккули муносибатҳои шартномавӣ меъёрҳои нав илова, баъзе аз меъёрҳо тағйир ва ихтисор гардиданд.

Қисми сеюми лоиҳаи кодекс ба се мавзӯи алоҳида бахшида шуда, муқаррароти умумӣ оид ба моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи мерос ва ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар бар мегирад.

Дар самти ҳуқуқи байналмилалӣ - хусусӣ вазъи ҳуқуқи субъектони муносибатҳои маданӣ - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, масъалаҳои гуногуни вобаста ба амалинамоии аҳдҳо бо иштироки хориҷиён ва аз ҳама муҳим - тартиби татбиқи ҳуқуқ ҳангоми коллизияи қонунҳоро танзим менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди 39 - уми «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2028», ки бо фармони Президенти мамлакат аз 6 – уми феврали соли 2018 таҳти №1005 тасдиқ шудааст, дар лоиҳаи кодекси мазкур таҳияи фаслҳои нав ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳуқуқи ашё бахшида шудааст, пешбинӣ гардидааст. Боби 16 ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти табиӣ ва иҷтимоии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъмин мекунанд, бори аввал дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда шудаанд. Боби 15 ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти табиии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъмин мекунад, ифода ёфта, он даҳ моддаро дар бар гирифта, дар он ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, рафъ намудани хавфе, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид мекунад, ба ёрии тиббӣ, ба иттилоот дар бораи вазъи саломатӣ, ба озодӣ, дахлнопазирии шахсият равона карда шудааст. Инчунин дар лоиҳаи кодекс фасли сеюм ба ҳуқуқи ашё бахшида шуда, дар он мафҳум, намудҳои соҳибӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маданӣ ва ҳимояи он пешбинӣ гардидааст. Ҳамин тариқ, лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм аз 9 фасл, 76 боб ва 1351 модда иборат мебошад, ки воқеан ҳам, калонҳаҷм буда, муносибатҳои нави маданӣ, ниҳод ва муқарраротро дар таҳрири нав пешбинӣ менамояд ва бо дарназардошти муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба асосҳои ҳуқуқии танзими онҳо равона шудааст.

Таҳияи лоиҳаи нави Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ буда, он бо дарназардошти таҳлили амалияи татбиқи беш аз 20-солаи Кодекси гражданӣ, навгониҳои бавуҷудомада, дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва соҳибкорӣ, тадқиқотҳои илмиву амалӣ таҳия гардида, ба талаботи муосири муносибатҳои ҳуқуқии соҳа ҷавобгӯ мебошад. Аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Боз кӣ мехоҳад вобаста ба ин масъала баромад кунад? Марҳамат.

**Толибхон АЗИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Рӯз ба рӯз ҷаҳонишавии муносибатҳои ҳуқуқӣ, байналмилалӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва шаҳрвандӣ ба он замина меорад, ки онҳо бо тартиби қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав ба танзим дароварда шаванд. Яке аз чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Кодекси мадании ҷумҳурӣ ба шумор меравад, ки ҳоло лоиҳаи он дар баррасӣ қарор дорад. Пешниҳод гаштани он боз як қадами устувор барои таъмини меъёрҳои конститутсионӣ оиди ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дигар муносибатҳо мебошад.

Манзур гаштани лоиҳаи Кодекси маданӣ дар таҳрири нав агар аз як тараф, ба қабули қонунҳои дигари дар самти муносибатҳои ҳуқуқҳои маданӣ амалкунанда алоқаманд бошад, аз тарафи дигар, барои бартараф кардани мухолифати дохилии онҳо зарур арзёбӣ мегардад.

Лоиҳаи кодекс таҷрибаи андӯхтаи судӣ ва танзими ҳуқуқҳои маданӣ дар муддати 20 сол мебошад.

Он асосҳои умумии қонунгузории маданиро муқаррар карда, муносибатҳо ва мустақилияти молумулкӣ, шахсии ғайримолумулкии ба баробарӣ ва мухторияти иродаи иштирокдоронашон асосёфтаро танзим менамояд. Аз ҷумла, муносибатҳо ҷиҳати ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва амалинамоии ҳуқуқҳои маданӣ, субъектони муносибат, шахсони ҳуқуқӣ ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии он, объектҳои ҳуқуқи моликият, ашё ва тарзҳои ҳимояи ин ҳуқуқҳо, намояндагӣ ва ваколатнома, муҳлатҳо дар муносибатҳои маданӣ ва мурури даъво, аҳдҳо ва шартномаҳо, уҳдадориҳо ва таъмини иҷрои онҳо ва ғайра танзим карда шудаанд.

Ба объектҳои ҳуқуқи маданӣ ворид кардани амал (беамалӣ), иттилоот, моликияти зеҳнӣ, сирри тиҷоратӣ ва неъмату ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ алоқаманд, навгонӣ мебошанд.

Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти табиӣ ва иҷтимоии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъмин мекунанд, бори аввал танзим карда шудаанд.

Фасли нави дигар ин ҳуқуқ ба ашё буда, дар он мафҳум, навъҳои соҳибӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маданӣ ва ҳимояи он пешбинӣ мегардад. Истифода ва ё ворид кардани вожаҳои танзимкунандаи ҳуқуқи мадании соҳибияти объектҳо, пулҳои нақдӣ ва коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ, ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда дар сурати фардикунонӣ, ашёе, ки дар ҷараёни бунёд қарор дорад, ашёи муомилоти маданиашон маҳдуд, шартҳои мушаххас ва ғайра аз ҷумлаи дигар навгониҳо мебошанд.

Меъёрҳои кодекс дар ин самт ба низом дароварда, тартиб ва шартҳои нигаронидани ситониш нисбати мавзӯи гарав, гузашт кардани на танҳо ҳуқуқ, инчунин уҳдадориҳо вобаста ба шартномаи гарав муайян карда, гарави ҳуқуқ, инчунин ашё ва ҳуқуқе, ки дар оянда ба вуҷуд омада метавонад, пешбинӣ мешаванд.

Меъёрҳои кафолат таҷдид гардида, шакли кафолат ва ҷавобгарии бенефитсиар муқаррар карда шудаанд, ки ба қонунҳои соҳаи иқтисодӣ мувофиқанд.

Кодекс навъҳои алоҳидаи уҳдадориҳо, аз ҷумла ҳуқуқи уҳдадориҳои тарафҳоро дар шартномаҳои гуногуни ҳуқуқии маданӣ, танзим менамояд, ки дар маҷмӯъ беш аз 64 навъ буда, уҳдадориҳои алтернативӣ, фаръӣ ва воқеӣ, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ низ таҷдид карда шудааст.

Меъёрҳои нав ба шартномаҳои рента, рентаи доимӣ ва якумра, иҷораи захираҳои табиӣ, иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, факторинг, шартномаҳои агентӣ ворид карда, меъёрҳо вобаста ба шартномаи иҷора, ворисии ҳуқуқӣ ҳангоми ваъдаи ҳадя, шартномаи контрактатсия тағйиру такмил дода шуданд, ки ин ибораҳо баъди қабулашон ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мегарданд.

Кодекс се мавзӯи алоҳида моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи мерос ва ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дигаргун мекунад, ки дар натиҷа муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба мерос ва меросгирӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ такмил дода, ваколат, субъект ва объектҳо мушаххас мегарданд.

Барои такмили лоиҳа аз тарафи ҳамаи кумитаҳо манзур гардидани таклифу пешниҳодҳои мушаххас далели таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан ба лоиҳаи кодекс мебошад, ки дар маҷмӯъ ба назар гирифта шуданд.

Лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Боз кӣ баромад кардан мехоҳад? Марҳамат.

**Ҷамшед МУРТАЗОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 - уми июни соли 1995 таҳти № РП-56 барои коркард, тайёр намудани лоиҳаи кодексҳои ҷиноӣ, мурофиаи ҷиноӣ, гражданӣ, мурофиаи гражданӣ, манзил, меҳнатӣ, никоҳу оила, маъмурӣ ва ислоҳотӣ - меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссия ташкил карда шуд. Гурӯҳи корӣ лоиҳаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро тайёр намуд. Баъди муҳокимаи тӯлонӣ, дар сессияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 - юми июни соли 1999 қисми якум ва 11-уми декабри ҳамон сол қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда буд. 30 - юми ноябри соли 2004 қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида буд, ки то ҳол амал мекунад. Ҳоло бо тамоми масъулият гуфта метавонем, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таърихиашро иҷро кард.



Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар оид ба сиёсати дохилӣ ва беруна аз 24 - уми апрели соли 2013 оид ба таҳрири нави Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори ақида карда шуд. Ин ақида асосҳои илмӣ ва амалӣ дошта, таъсири объективонаи омилҳои зерин мебошад:

- раванди босуръати инкишофи ҳуқуқҳои граждании инсон (шахси воқеӣ) ва иттиҳодияҳои он, васеъ гардидани мавзӯи танзими ҳуқуқи гражданӣ, бинобар аз истифодаи бештари хизматрасониҳои зеҳнӣ ва эҳтиёҷоти бештари ҳифзи дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ;

- рушди соҳибкорӣ, муносибатҳои корпоративӣ, иттилоотӣ, сармоявӣ ва истифодаи бештари механизми худтанзимкунӣ, нуфуз ва функсияҳои нав пайдо намудани шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ, бахусус дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва сохтмони асосӣ;

- иштироки фаъоли давлат, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар муносибатҳои молумулкӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои маънавии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- истифода нашудани тавоноии забони давлатӣ дар матни меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ба забони илми ҳуқуқшиносӣ табдил додани он, ба ҳам мутобиқ набудани матни тоҷикӣ ва русии Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷой доштани номутобиқатии дохилии қонунгузории гражданӣ ва масъалаҳои наве, ки аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба вуҷуд омаданд.

Бо мақсади ба инобат гирифтани омилҳои нав ва таҳрири нави Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон амри Президенти ҷумҳурӣ аз 8 - уми июни соли 2013 таҳти № АП - 2257, дар хусуси таъсиси гурӯҳи корӣ қабул гардид. Ҳайати он аз кормандони собиқадори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, инчунин олимони соҳаи ҳуқуқи гражданӣ иборат буд. Баъдан, бо қабул намудани амри Президенти ҷумҳурӣ аз 30 - юми апрели соли 2019 таҳти № АП - 1210 ҳайати гурӯҳи мазкур таҷдиди назар карда шуд.

Давоми нуҳ сол ин гурӯҳ имкониятҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро устувор ва инкишоф дода, мундариҷаи он такмил ёфт, меъёрҳои он ба забони фаҳмо ва беғалат таҳия шуд, мухолифати истилоҳҳо бартараф гардида, хусусиятҳои танзими соҳавӣ ба назар гирифта шуд. Барои инкишофи забони давлатӣ ва истифодаи оқилонаи тавоноии он дар танзими ҳуқуқи маданӣ заминаи боэътимод гузошта шуд.

Ҳамчунин, талаботи моддаи 39-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 - юми майи соли 2017 таҳти № 1414 дар хусуси истилоҳҳои матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода шаванд ва як истилоҳ бояд як маъно дошта бошад, риоя карда шуд.

Банди 39 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2028», ки бо фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 6 - уми феврали соли 2018 таҳти № 1005 тасдиқ шудааст, таҳияи фасли алоҳида дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, таҳияи боби алоҳида оид ба шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, ба меъёрҳои конвенсионӣ мутобиқ намудани қисми 3-юми ин кодексро пешбинӣ намуда буд, ки ҳангоми таҳрири нави он ба инобат гирифта шуд.

Боби 2 Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар аз узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 - уми октябри соли 2014 таҳти № 691 тасдиқ шудааст, масъалаҳои бартараф кардани монеаҳои техникиро дар савдо гузошта буд, ҳангоми таҳрири нави кодекс ба назар гирифта шуд. Ҳамчунин, бобҳои нав оид ба шартномаи агентӣ, эскроу, лизинг, хариди давлатии мол, хариди маҳсулоти кишоварзӣ, иҷораи захираҳои табиӣ ва дигар бобҳо ба қисми дуюми ин кодекс ворид гардид.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҚАБУЛ ШУД

**(Идома аз саҳ. 2)**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои даврони истиқлолияти давлатӣ барои рушди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ ва истифодаи қудрати он аз тамоми шароиту имконот истифода менамояд. Рушди забони давлатӣ дар танзими ҳуқуқӣ ва сивилистика аз вазифаҳои бисёр муҳими давлат барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дониста мешавад. Тавре Пешвои миллат қайд кардаанд: «Илми воқеан миллӣ дар асоси забони миллӣ таъсис ва ташаккул дода мешавад, ки инро таҷрибаи дигар кишварҳо кайҳо собит кардааст. Забони тоҷикӣ фақат дар сурате ҳамчун забони илму фарҳанг мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад, ки бо ин забон истилоҳоти илмӣ ба вуҷуд оварда шавад». Тағйири номи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муҳим дар оғози ин кор аст. Бинобар ин, яке аз навгониҳои асосии таҳрири матни ин кодекс тағйир ёфтани номи он мебошад.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон номидани ин қонуни муҳими ҳаёти хусусӣ аз риояи ҳатмии талаботи моддаи 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 - уми октябри соли 2009 таҳти № 553 ва моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» гувоҳӣ медиҳад.

Қонунгузории маданӣ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиеро, муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ, ки оқибатҳои молумулкиро ба вуҷуд меорад ва ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокдоронашон асос ёфтаанд, танзим менамояд.

Баъд аз қабули Кодекси граждании амалкунанда дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таҳаввулоти ҷиддӣ ба амал омад, ки баъзе аз ҷанбаҳои он дар қонунгузории гражданӣ инъикос ва танзими худро наёфта буданд. Чунин дигаргуниҳо на танҳо дар фазои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳое, ки бо мо дар як фазои ҳуқуқӣ қарор доранд, ба миён омаданд.

Бинобар ин, дар лоиҳаи Кодекси маданӣ дар таҳрири нав мушкилоти муҳими ҷойдошта ҳаллу фасл ва танзими ҳуқуқии онҳо мушаххас пешбинӣ гардида, норасоӣ ва мухолифатҳои ҷойдошта бартараф карда шуданд. Аз ҷумла, шартномаҳои рента, суратҳисоби бонкии эскроу, сохтмони ҳиссагии биноӣ истиқоматӣ, шартномаи консессионӣ ва ғайра дар доираи Кодекси маданӣ мавриди танзим қарор гирифтанд. Лоиҳа бо назардошти талаботи муосир ва воқеияти имрӯза таҳия гардида, марҳилаи навбатии рушди танзими ҳуқуқии муносибатҳои маданиро таҷассум мекунад.

Лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 қисм, 9 фасл, 76 боб ва 1351 модда иборат буда, 25 - уми январи соли 2022 бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ барои муҳокима ва қабули он ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд. 15-уми июни соли 2022 таҳти рақами 743 вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси маданиро дар хониши аввал қабул карданд.

Лоиҳаи кодекси мазкур дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсиси гурӯҳи корӣ такмил дода шуда, таклифу пешниҳодҳои зиёд, ки барои боз фаҳмо баён гардидан, мушаххас ва дақиқ ифода ёфтани муқаррароти меъёрии он кумак расонд, ба назар гирифта шуданд.

Аз шумо бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Лоиҳаи кодекси мазкур мукаммал аст. Мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон қисм ба қисм, фасл ба фасл ё боб ба боб баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм яклухт ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» шурӯъ менамоем.

Сухан ба сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳтам Абдуллозода дода мешавад. Марҳамат.

**Аҳтам АБДУЛЛОЗОДА** вобаста ба Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» маърӯза намуд.

**РАИСИКУНАНДА:** - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Сарвиноз Маҷидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сарвиноз МАҶИДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мувофиқи лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» сархати бисту чорум илова гардида, тибқи он минбаъд 6 май ҳамчун «Рӯзи кормандони соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ» муайян карда мешавад.

Дар ин замина, муайян намудани Рӯзи кормандони соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ имконият фароҳам меорад, то даҳҳо ҳазор кормандони соҳаҳои касбу кори гуногун, ки бо маълумоти дорои сирри давлатӣ сарукор доранд, рӯзи касбиро ҷашн гирифта, дар ҳошияи он ҳамасола масъалаҳои мубрами соҳаи мазкурро баррасӣ ва ҳал намоянд.



Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиётро мутобиқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад.

Аз шумо бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа ворид гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Ба шумо, вакилони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ, барои фаъол будан миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ЭҲТИРОМИ ПАРЧАМ АРҶГУЗОРӢ БА АРЗИШҲОИ МИЛЛИВУ ДАВЛАТИСТ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Парвина Маликзод изҳор дошт, ки парчам рукни муқаддасот ва рамзи давлатдории ҳар як халқу миллат буда, ифодагари соҳибистиқлолӣ ва давлату давлатдории миллатҳост.



Бостоншиносони фаронсавӣ ва эронӣ аз харобаҳои Тахти Ҷамшед акси парчами замони Ҳахоманишиҳоро пайдо карданд, ки аз ранги сурх иборат буда, дар маркази он акси уқоби болкушода тасвир ёфтааст. Тибқи маълумоти китоби «Авесто», ҳар як ранг ифодагари касбу кори гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоии ҷомеа буд. Масалан, ранги сурх рамзи ҳокимону ҳарбиён, ранги сафед рамзи аҳли илму дониш ва ранги сабз рамзи барзгарон ба ҳисоб мерафт. Тасвири уқоб рамзи соҳибдавлатӣ ва нерумандӣ ҳисобида мешуд. Бо ин шаклу намуд давлатҳои Ашкониён, Юнону Бохтар, Кӯшониён, Ҳайтолиён ва Сосониён низ соҳиби парчам буданд, аммо он парчамҳо бо баъзе ҷузъиёташон аз ҳамдигар фарқ мекарданд.

- Дар давраи шӯравӣ халқи тоҷик 7 маротиба Парчами давлатиро иваз кардааст. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлатҳои нави соҳибистиқлол пайдо шуданд. Табиист, ки ҳамаи онҳо соҳиби парчами миллӣ гаштанд, - гуфт дар фарҷом Парвина Маликзод.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Файзулло Қосимӣ аз нахустин таҷрибаи парчамдории тоҷикон ёдовар шуд. Ӯ гуфт, ки нахустин парчами миллии мо пешдомани чармини Коваи оҳангар буд, ки онро ба нӯги найза баста, ҳамроҳи мардуми адолатхоҳ бар зидди Заҳҳоки морон бархост.

Ин парчами адолатхоҳӣ, ки рамзи раҳоӣ аз зулму истибдоди душман буд, бо номи «Дирафши ковиён» машҳур гардид. Шоҳони минбаъдаи ориёӣ, ки ба сари тахт меомаданд, ба «Дирафши ковиён» арҷгузорӣ намуда, онро ҳамчун рамзи муборизаи некӣ бар бадӣ, ғолиб омадани равшанӣ бар зулмот эътироф намуданд.

«Дирафши ковиён» дар Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир ёфта, баёнгари роҳи минбаъдаи халқи тоҷик баҳри зиндагии арзанда ба шумор меравад.

- Парчами давлатӣ миллати моро дар тамоми олам





муаррифӣ намуда, дар шинохти Тоҷикистон нақши калон гузошт. Он мардуми моро ба муттаҳидӣ, хештаншиносӣ, ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегӣ даъват намуда, барои комёб шудан дар мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ ба варзишгарон неру мебахшад.

Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Гулбаҳор Ашӯрзода таъкид кард, ки арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ қарзи виҷдонии ҳар соҳибватан аст.

- Воқеан, Парчами давлатӣ ҳамчун нишони азму иродаи устувори мардум барои ободии кишвари зебоманзарамон ҳаммароми «Дирафши ковиён»-и аҷдоди ориётаборамон бо тобиши се ранг - сурх - озодиву истиқлол, сафед - сулҳу оромӣ, сабз - ободиву хуррамӣ ва дар байни он рамзи тоҷи заррини соҳибдавлатӣ бо ҳафт ситораи дурахшон бори дигар аз мавҷудияти тамаддуну фарҳанги бостонии тоҷикон, пайкори созандагиву асолати миллӣ, давлату давлатдории мустақил ва ормонҳои ватанхоҳиву қаҳрамониҳои родмардони сарзаминамон башорат медиҳад.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамқадами соҳибистиқлолии Ватанамон буда, дар баробари Конститутсия, Нишон, Суруди Миллӣ ва пули миллӣ, аз ҷумлаи рамзҳо ва муқаддасоти давлатӣ мебошад. Дар он даъват ба муттаҳидӣ, ваҳдат, ғайрату номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ҳимояи марзу бум ва саъю талош барои бунёди ҷомеаи адолатпарвар таҷассум гардидааст,- хулоса кард Гулбаҳор Ашӯрзода.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

# НАҚШИ СУҲРОБ КИФОЯ АСТ, КИ НОМИ ҲОШИМ ГАДОЕВРО ДАР РАДИФИ СИТОРАҲОИ КИНОИ ҶАҲОНӢ ГУЗОРЕМ

**Фотеҳи Абдуллоҳ (Ардамеҳр) дар мавриди ҳунарпеша ва нақшҳои иҷрокардаву ҳанӯз бознакарда чунин андеша дорад: «Ҳунарпешае, ки барои бозидани нақшҳои пурмуддаову пурошӯбу пуровозае чун Рустам, Сиёвуш, Ҳамлет, Моор, Ричарди III, Сезар, шоҳ Лир, Галилей, Митё, Карамазов, ки аълотарин маҳаки истеъдод ва маҳоратанд, ҷонталошӣ намекунад, бечораву пурнола ҳунарпешаест».**

Артисти халқии ИҶШС, барандаи Ҷоизаи давлатии ИҶШС ва Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҳошим Гадоев аз зумраи ҳунарпешагонест, ки дар баробари ин нақшҳои сатҳи ҷаҳонӣ боз орзуи бозидани нақши Спартакро ҳанӯз ҳам дар дил мепарварад. Вале то ин дам нақшҳои таърихӣ ва асотирии Шоҳ Исмоили Сомонӣ, Амир Темур, Ҳамлет, Эдип, Суҳроб, ибни Сино, Незнамов, Хлестаков, Дон Жуан, Фердинанд ва дигаронро дар саҳнаи театр иҷро кардааст. Аммо чун ҳунарпеша нисбат ба худ хеле серталаб аст, мехоҳад нақшҳои аз ин ҳам намоёнтару барҷастатарро дар саҳнаи театр ва чодари кино бозӣ кунад. Ин серталабӣ нисбат ба офаридани нақшҳо ҳанӯз аз овони донишҷӯӣ дар Институти давлатии санъати театрии Москва ба номи А. В. Луначарский (ГИТИС) дар вуҷудаш ҷой дошт.

Боре донишҷӯ Ҳошим Гадоев ба устодаш, педагоги барҷастаи санъати театрӣ Борис Владимирович Бибиков шикоят мекунад, ки ба вай иҷрои нақшҳои лаҳзавӣ медиҳанд. Вай мехоҳад, ки дар нақшҳои асосӣ ва нисбатан ҷиддӣ баромад кунад.

- Ҳошим, магар фаромӯш кардӣ, ки Константин Сергеевич Станиславский гуфтааст: «Нақшҳои хурд вуҷуд надоранд, балки актёрҳои хурд ҳастанд». Вале, ту азизам, ба актёрҳои хурд ягон муносибат надорӣ, зеро дар вуҷудат вулқони актёрӣ ҷой дорад ва мехоҳад, ки фаввора зада берун барояд. Аз паи иҷрои нақш шав ва тавре онро бозӣ кун, ки дар спектакл маҳз нақши иҷрокардаат дер боз дар хотири тамошобинон боқӣ монад.

Баъд аз хатми ГИТИС –и шаҳри Москва соли 1961 дастпарварони Студияи тоҷикии ин боргоҳи бонуфузи ҳунарро ба Театри давлатии мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Ленинобод ба номи А. С. Пушкин (ҳоло ба номи Камоли Хуҷандӣ) фиристоданд. Ҳошим дар қатори дигар ҳампешагонаш як сол дар ин театр кор карда, дар ин муддат ҳамчун режиссёр пйесаҳои «Иҷоранишин»-и Ф. Ансорӣ, «Ишқи африкоӣ»-и П. Мериме ва «Бемории ногаҳонӣ»-и Ҳоҷӣ Содиқро саҳнавӣ гардонд. Вале фаъолияти асосии эҷодиёташ асосан аз моҳи августи соли 1961 дар Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ гузашт.

Дар саҳнаи Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ чун режиссёри басаҳнагузоранда пйесаҳои «Фоҷиаҳои хурд»-и А. С. Пушкин (1966), «Эзоп»-и Г. Фигейредо (1971), «Интихоби домод»-и Ҳ. Содиқ, (1973), «Ишқи африкоӣ»-и П. Мериме (1975), «Исёни арӯсон»-и С. Аҳмад (1982), «Эдип»-и Софокл (1985) ва «Рӯдакӣ»-и С. Улуғзода (2009)-ро гузоштааст, ки солҳои зиёд барномаҳои театрро тамошобоб карда буданд.

Ходими сиёсӣ, давлатӣ ва фарҳангӣ, санъатшиноси маъруфи тоҷик, профессор Меҳрубон Назаров навиштааст: «Ҳунарпешаи бузургро таърих аз он ҷиҳат писанд мекунад, ки вай аз кӯҳи ҳунар лаълу аз баҳри фарҳанг дурр ба даст оварда, ба воситаи сарфи меҳнату фидокорӣ онҳоро мисли заргар сайқал дода, ба халқи хеш саховатмандона мебахшад. Ана, ҳамин гуна сирри ниҳонии ҳунари театрро шумо кашф намудед». (моҳи майи соли 1988).

Бояд қайд кард, ки баъд аз иҷрои аввалин нақшҳояш дар саҳнаи Театри давлатии академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Ҳошим Гадоев мавриди таваҷҷуҳи санъатшиносон ва донишмандон –донандагони санъати театр қарор гирифт.

«Ҳошим Гадоев, ки нақши Содиқро (аз спектакли «Суруди кӯҳсор» - и Ғ. Абдуллоҳ) иҷро мекунад, бо ҳар як ҳаракату рафтори худ образро барҷаставу пурқувваттар кардааст. Дар ҳар як лаҳза қаҳрамони вай сифати нав мегирад…», - навиштааст донишманди маъруф Аълохон Афсаҳзод ва боз нигоштааст: «Офарида шудани образи Дон Жуан дар эҷодиёти артист Ҳошим Гадоев, ки қабл аз ин Тарталия, Фердинанд, Содиқ, Ҳоҷӣ Нӯъмон барин образҳои мураккабро иҷро карда буд, марҳилаи нав аст».

Ба фикри банда, қуллаи баландтарини эҷодиёти Ҳошим Гадоев дар саҳнаи театр нақши Эдип аз «Шоҳ Эдип»-и Софокл ва Суҳроб аз филми ҳунарии «Рустам ва Суҳроб»-и режиссёр Борис Кимёгаров мебошанд.

Барои ба саҳнаи театри тоҷик гузоштану иҷро кардани нақши асосӣ дар фоҷиаи «Шоҳ Эдип»-и Софокл Ҳошим Гадоев сазовори Ҷоизаи давлатии ИҶШС ва унвони баландтарини он даврон – Артисти халқии ИҶШС гардида буд.

Тамошобинони серталаби тоҷик дар саҳнаҳои театрҳои ҷумҳурӣ фоҷиаҳои Еврипид, Софокл ва Шекспирро борҳо тамошо кардаанд. Вале таъсири фоҷиаи «Шоҳ Эдип» тамоман дигар буд. Таъсираш чунон буд, ки дар баробари қаҳрамонҳои саҳна дар толори театр тамошобинон мегиристанд. Бахусус, саҳнаи охирини фоҷиа, ки Эдип гуноҳи нобахшиданиашро фаҳмида, дидагонашро кӯр мекунад ва ба ҳоли ояндаи ду фарзандаш нола дошт.

Ҳангоме ки фоҷиаи «Шоҳ Эдип»-ро дар саҳнаи бузурги Театри дӯстии халқҳои ИҶШС - и шаҳри Москва намоиш доданд, дар атрофаш фикру андешаҳои зиёд баён гардид. Артисти халқии ИҶШС, лауреати мукофотҳои давлатии ленинӣ ва ИҶШС Кирилл Лавров таассуроташро дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» (аз 6-уми декабри соли 1987) чоп кард: «… Дар бораи фоҷиазадаҳои машҳури ҷаҳон бисёр шунидаам ва хондаам, танҳо имрӯз, пас аз тамошои «Эдип» дар саҳнаи тоҷик, фоҷиазадаи бузургеро дидам, ки он Ҳошим Гадо буд.

Ҳоло бисёр касон мегӯянд, ки театр тамошобинро аз даст додааст, театр мемирад. Театри мо намемирад, агар ҳунарпешае чун Ҳошим Гадоев зинда аст».

Саҳифаи дигари эҷодиёти ин ҳунарпешаи асил санъати кино мебошад, ки дар ин самт низ нақшҳои ҷолибу хотирмон дорад. Ӯ бо беҳтарин режиссёрҳои кинои тоҷик Борис Кимёгаров, Тоҳир Собиров, Абдусалом Раҳимов, Анвар Тӯраев, Марворид Қосимова, Марат Орифов ва дигарон ҳамкору ҳамнишин буд.

Бори нахуст мо ҳунарпешаи дӯстдоштаамонро соли 1964 дар нақши Комил дар филми ҳунарии «Дувоздаҳ соати ҳаёт»-и таҳиягар А. Раҳимов дидем. Минбаъд нақшҳои Сафар дар филми бадеии телевизионии «Гуреза»-и Б. Долинов (1970), Пир аз «Кашфи асрор»-и Т. Собиров (1970), Суҳроб аз «Рустам ва Суҳроб»-и Б. Кимёгаров (1972), сардори босмачиҳо аз «Чор нафар аз Чорсанг»-и М. Қосимова (1972), «Гӯштингирон»-и А. Қудусов (1973, филми кӯтоҳи бадеӣ), Тағатбек аз «Ишқи нахустини Насриддин»-и А. Тӯраев (1977), осиёбон аз «Муҳосира»-и М. Орифов (1978), Садриддин аз «Зане аз диёри дур»-и Т. Собиров (1978), Ҳамидхон аз филми бисёрсериягии телевизионии «Ҷӯра-шикорчӣ аз Минархар»-и В. Мирзоянс ва С. Қурбонов (1985) ва дигар филмҳои бадеӣ нақшҳои асосӣ ва хотирмонро бозӣ кардааст.

Ҳунару маҳорати баланди актёриаш аз назари режиссёрҳои кинои ҷумҳуриҳои бародарӣ дар канор намонд. Дар ҳамкорӣ бо режиссёри шинохтаи ӯзбек Латиф Файзиев нақши Абдулатиф-писари Мирзо Улуғбек дар филми бадеии «Ситораи Улуғбек»-ро (1964) иҷро кардааст. Латиф Файзиев дар филми бадеии навбатияш – «Ба ватан хизмат мекунам» (1980) низ Ҳошим Гадоевро даъват карда буд.

Ҳамин тавр, ҳамкорияш бо режиссёрҳои киностудияи «Ӯзбекфилм» оғоз ёфт. Филмҳои ҳунарии «Ҳангоми раъду барқ тавлид шудааст» (1965), «Сарҳад» (1974), «Муҳорибаи се шоҳ» (истеҳсоли Италия - Испания - Америка ва Ӯзбекистон, 1990), «Суғдиён» (истеҳсоли Алҷазоир ва «Ӯзбекфилм» соли 1993), «Тӯрони бузург» (1994) маҳсули ин ҳамкориҳо мебошанд.

Ҳошим Гадоев дар киностудияи «Озарбойҷонфилм» ҳам нақши ҳунари бебаҳои актёриашро гузоштааст. Инҳо филмҳои ҳунарии «Шуълаи гулханҳои хомӯшшуда» (1976) нақши Ғазанхон, сардори девҳо аз «Ин ҷо туро биҳишт мунтазир намешавад» (1982) ва «Ҷанговарони кӯли кӯҳӣ» (1984) мебошанд.

Мо ҳунарпешаи дӯстдоштаамонро дар нақши қурбошӣ Муъминбек дар филми машҳури бисёрсериягии телевизионии «Сарҳади давлатӣ» (истеҳсоли «Беларусфилм» (1983) дида ифтихор мекардем, ки ҳамдиёри шуҳратмандамон дар ин филм саҳм гузоштааст.

Ҳошим Гадоев дар санъати кино нақшҳое офаридааст, ки ҳанӯз ҳам метавон онҳоро бо шавқу ҳаяҷон тамошо кард. Масалан, нақши Суҳроб аз филми ҳунарии «Рустам ва Суҳроб» ё қурбошӣ Муъминбек аз «Сарҳади давлатӣ» ё ин ки Ғазанхон аз «Шуълаи гулханҳои хомӯшшуда».

- Барои бозидани нақши Суҳроб дар филми бадеии «Рустам ва Суҳроб» ба ғайр аз ман 15 нафар актёрони дигар ҷумҳуриҳо ба кинопроба даъват шуданд. Борис Алексеевич Кимёгаров он айём чунин изҳори ақида карда буд: «Актёре, ки нақши Суҳробро меофарад, мебоист дар ҷавонӣ, зебогӣ, ҷасурӣ, аспдавонӣ ва дигар сифатҳои муҳимро, ки ҳамаи ин тавъам бо баёни шеър аст, бояд аз уҳдааш бароояд».

Чунин муносибат ва интихобро нисбат ба нақши Ғазанхон аз филми ҳунарии «Шуълаи гулханҳои хомӯшшуда» («Озарбойҷонфилм») метавон гуфт. Ҳунарпешаи тоҷикро аз миёни 14 нафар актёрони шинохта беҳтарин иҷрокунандаи ин нақши таърихӣ пазируфтанд.

Ҳошим дар яке аз суҳбатҳояш гуфта буд, ки «Ҳангоми ҷустуҷӯй ва интихоби актёр барои нақши Ғазанхон дар филми бадеии «Шуълаи гулханҳои хомӯшшуда», ки қаҳрамони миллии озариҳо буд, чордаҳ довталаб будем, ки дар ин миён панҷ нафар аз шаҳри Боку иштирок доштанд. Интихоби актёрон (кинопроба) оғоз ёфт ва аввалин довталаб Бимбулат Ватаев – иҷрокунандаи нақши Рустам аз филмҳои бадеии «Достони Рустам» ва «Рустам ва Суҳроб» буд.

Ниҳоят, фурсат ба ман ҳам расид. Баъд аз иҷрои вазифаҳои додашуда, ки даҳ нафари дигар дар навбат буд, кастингро хотима дода гуфтанд: «Мо Ғазанхонро ёфтем, дигар ҳоҷат ба давом додани интихоби актёрон нест».



Тавре қайд карда будем, Ҳошим Гадоев дар саҳнаҳои хатарноктарин наворбардории филмҳои бадеии иштироккардааш ҳамеша аз хизмату ҳунари каскадёрон даст мекашид. Худаш саҳнаҳои хатарнокро иҷро мекунад ва дар натиҷа захмҳои зиёд бардоштааст. Ва, аз ин хусус ӯ ёддошту хотираҳои зиёд дорад: «Дар филми ҳунарии «Зане аз диёри дур»-и режиссёр Тоҳир Собиров соли 1978 истеҳсоли киностудияи «Тоҷикфилм» нақши асосӣ – Садриддинро бозӣ мекардам. Қаҳрамони ман дар муҳорибаҳои ҷангӣ, дар фронт аз таркиши минаи фашистон нобино шуда, ба хона бармегардад. Барои иҷрои ин саҳна, яъне таркиши мина касе розӣ нашуд. Он лаҳзаҳо каскадёрҳо ҳам набуданд, вале вақт хеле кам монда буд. Барои аз ин ҳолати ногувор баромадани киногурӯҳ назди режиссёри филм Тоҳир Собиров омада гуфтам, ки ман ин саҳнаро худам иҷро мекунам.

Режиссёр аввал розӣ нашуд, зеро саҳнаи таркиш хеле хатарнок буд. Вале дид, ки дигар илоҷ нест.

Сабти лаҳзаҳои таркиши мина дар майдони ҷанг оғоз ёфт. Қувваи пурзӯр ва бадвоҳимаи таркиши минаи пиротехникҳо маро нуҳ метр ба ҳаво партофт.

Дар сабти дигар саҳнаи филм маро бо ресмон дар кран бастанд ва аз баландии даҳ метр масофадошта бояд худро ба поён мепартофтам.

Дафъаи аввал нашуд, бори дуюм низ бебарор. Маротибаи сеюм чашмамро боз кардам, ки дар беморхонаам ва режиссёри филм Тоҳир Мухторович дар болои сарам рост истодааст.

- Саломатиат чӣ хел?

- Тоҳир Мухторович, кадри банаворгирифта чӣ гуна омад?, - пурсидам фавран.

- Мешавад, - гуфта табассум кард».

Чун сухан дар бораи нақшҳои иҷрокардааш дар санъати кино равад, пеш аз ҳама, Суҳробро аз филми ҳунарии «Рустам ва Суҳроб»-и Борис Кимёгаров ёдрас мешаванд. Режиссёри кино Борис Кимёгаров дар китоби ёддоштҳояш «Роҳ ҷониби кӯҳсор меравад» (Москва, 1970) навиштааст: «Барои иҷро кардани нақши Суҳроб аз ҷумҳуриҳои бародар 16 ҳунарпешаро ба кинопроба – санҷиши кино даъват кардем. Танҳо Ҳошим Гадоев қавиирода баромад ва ба нақши Суҳроб бисёр ҷиддӣ муносибат мекунад».

Соли 1972 филми ҳунарии «Рустам ва Суҳроб» аз рӯи достони ҳамноми «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба экранҳои умумииттифоқии собиқ Иттифоқи Советӣ баромад. Тамошобинони серталаби кино Суҳробро дӯст доштанд. Махсусан, ҷавондухтарон мафтуни бозии Ҳошим Гадоев дар нақши Суҳроби гурд гашта буданд.

- Агар аз хусуси захмҳои баданам ҳангоми наворбардории филмҳо қисса кунам, китобе хоҳад шуд хеле хонданӣ. Вақти банаворбардории филми ҳунарии «Рустам ва Суҳроб» соли 1971 ду маротиба бо хатар рӯ ба рӯ шудам. Яке аз саҳнаҳои ҷангияш дар миёни тирҳои камони Гурдофарид сурат гирифта буд. Ногоҳ пайконе омада, ба сипари дар дастам буда зада, тоб хӯрду болои чашмам халид. Худо раҳм карду тир ба чашмам нарасид. Тамоми рӯямро хун зер кард. Маро зуд ба беморхона бурда, захмро дӯхтанд ва ба майдончаи наворбардорӣ оварда, захми болои чашмамро пардоз (грим) дода, наворбардории он саҳнаҳоро шурӯъ намуданд.

Лаҳзаи дигар саҳнаи ҷанг бо Гурдофарид дар назди қалъа буд, ки он ҷо дастам шикаст.

Боз ба беморхона бурданд. Духтур маро муоина карда шинохт:

- Шумо дирӯз наздамон омада будед?..

Суҳроби Ҳошим Гадоев тимсоли зебоӣ, паҳлавонӣ ва далерӣ гардида буд. Ба ҳунарпеша муяссар гардидааст, ки он ҷасорат, далерӣ ва ватандӯстие, ки Фирдавсӣ дар достонҳояш тасвир кардааст, хеле барҷаста ва ниҳоят пурсӯзу таъсирбахш дар экрани кино таҷассум намояд. Суҳроб дар чодари кино камсухан аст, вале тамошобин аз чеҳрааш ҳаракатҳояш (мимика), нигоҳаш пай мебаранд, ки ӯ чӣ мехоҳад ва чӣ гуфтание дорад. Чеҳрааш маҳзун аст. Ин маҳзунӣ асрори нуҳуфтае дар худ дорад, зеро дар суроғи падараш Рустами Достон аст. Ин ғамгиниро ҳатто Гурдофариди зебо ҳам аз чеҳрааш бардошта наметавонад. Шояд ӯ маргашро аз дасти падар ҳис карда буд? Вале тамошобини филми ҳунарии «Рустам ва Суҳроб» бо вуҷуди ҳамеша ғамгину маҳзун будани Суҳроб ӯро дӯст доштанд ва ҳанӯз ҳам дӯст медоранд.

Яке аз мухлисонаш аз шаҳри Прагаи собиқ давлати Чехословакия Ирина Элияшева баъд аз тамошои филм ва бозии нотакрори Ҳошим Гадоев дар нақши Суҳроб дар мактубаш навиштааст: «Суҳроби азизи ман - Ҳошим! Ман туро 30 бор, 300 бор тамошо кардам ва аз тамошо хуморам намешиканад. Шумо, эй ситорагони тобони ҷаҳон – Жан Маре, Жан Пол Белмондо ва Ален Делон дар муқоиса бо Суҳроби Ҳошим Гадоев салобату ҳашамати актёриатонро бохтед…!».

Нақши Суҳроб кифоя аст, ки номи Ҳошим Гадоевро дар радифи ситораҳои кинои ҷаҳонӣ гузорем.

Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизмату заҳматҳои ситораи санъати театр ва кино Ҳошим Гадоевро нахуст бо ордени олии «Ситораи Президенти Тоҷикистон» ва сонӣ унвони Арбоби ҳунари Тоҷикистон қадрдонӣ намуданд.

Магар аз ин баландтар эҳтиром мешавад?

**Тиллои НЕКҚАДАМ,**
**«Садои мардум»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 27-уми декабри соли 2022 музоядаи № 22-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот (м²) | Арзиши ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маркази хизматрасонии бонкии №4 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад - 165 | 0 | 293,6 | 2 233 339 |
| 2 | Маркази хизматрасонии бонкии №9 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шерализода - 54/3 | 0 | 256,0 | 3 379 712 |
| 3 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Сино | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов - 10 | 0,10 | 2030,6 | 22 953 902 |
| 4 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Фирдавсӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев -118 | 0 | 866,8 | 6 914 812 |
| 5 | Бинои филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Шоҳмансур | шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод - 2 | 0 | 435,7 | 3 613 324 |
| 6 | Иншооти маркази савдои «Содот» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 86/1 | 0,06 | 1340,0 | 5 680 260 |
| 7 | Бинои маркази таълими ронандагӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Испечак-1, М-1 | 0,02 | 162,3 | 611 546 |
| 8 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шӯраксой, хонаи 36а | 0,08 | 478,5 | 1 915 675 |
| 9 | Толори савдо | шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро - 2 | 0 | 1335,7 | 13 840 523 |
| 10 | Ду толори тиҷоратӣ ва як таваққуфгоҳ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Махсум | 0 | 3440,1 | 13 586 843 |
| 11 | Бинои маркази савдо ва фарҳангӣ (тарабхона) | шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон - 6 | 0 | 496,9 | 5 148 878 |
| 12 | Бинои маркази солимгардонӣ ва толори савдо | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шамсӣ - 16 | 0 | 1518,6 | 11 444 170 |
| 13 | Бино ва иншоотҳои ТАДЭС | шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ | 5,7 | 17767,9 | 12 149 729 |
| 14 | Бино ва иншоотҳои ТАДЭС | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳамадонӣ - 5 | 5,1 | 7076,4 | 14 703 221 |
| 15 | Бинои истиқоматии сохтмонаш нотамом, мағозаҳо ва таҳхона | шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро-29 ва Истаравшан - 21-25 | 0 | 1618,0 | 12 583 104 |
| 16 | Бино ва иншоотҳои саридораи ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод - 47 | 0,74 | 2295 | 125 265 630 |
| 17 | Бино ва иншооти ҶСК «Меҳмонхонаи Тоҷикистон» (бо дарназардошти таҷҳизоти насбгардида бо маблағи 17 097 765 сомонӣ, 139 номгӯй) | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур - 22 | 2,39 | 1858,1 | 225 285 624 |
| 18 | Қаҳвахонаи «Парвоз» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш -1 | 0,2 | 1 962 | 11 773 800 |
| 19 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко - 115 | 0,1 | 200 | 3 427 704 |
| 20 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 129 | 0,2 | 830 | 11 054 633 |
| 21 | Бинои мағозаи №3 | шаҳри Ҳисор, кӯчаи 60-солагии Ҳисор, маҳаллаи 8 | 0 | 634,2 | 1 792 249 |
| 22 | Чойхонаи миллӣ | шаҳри Ҳисор, Харбуза | 4,8 | 4335,2 | 34 903 779 |
| 23 | Толори фурӯши автомобилҳо | шаҳри Ҳисор, деҳоти Сомон, деҳаи Авғонобод | 0,84 | 1207,4 | 10 236 337 |
| 24 | Бозори масолеҳи сохтмонӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи 60 - солагӣ | 16,2 | 39730,5 | 77 033 931 |
| 25 | Мағозаи №4 | шаҳри Ҳисор, маҳаллаи 8 (ҶДММ «Евростандарт») | 0 | 100,3 | 236 207 |
| 26 | Мағозаи №1 | шаҳри Ҳисор, маҳаллаи 8 (ҶДММ «Евростандарт») | 0 | 434,4 | 920 711 |
| 27 | Сехи истеҳсоли шарбати мева ва анбори нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ | шаҳри Ҳисор, деҳоти Навобод, деҳаи Ойбош | 0,15 | 736,8 | 2 579 354 |
| 28 | Мағозаи №2 | шаҳри Ҳисор, маҳаллаи 8 (ҶДММ «Евростандарт») | 0 | 161,4 | 380 097 |
| 29 | Хирмани марказии кооперативи тиҷоратии «Ҳайдар Миров» | шаҳри Ҳисор, деҳоти Навобод, деҳаи Ҳамдилон | 0,43 | 700,0 | 1 186 920 |
| 30 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Ҳисор | шаҳри Ҳисор, кӯчаи И.Сомонӣ - 6 | 0,05 | 255 | 4 221 254 |
| 31 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Турсунзода | шаҳри Турсунзода, кӯчаи И.Сомонӣ - 32/143 | 0,10 | 816,7 | 5 125 497 |
| 32 | Маркази савдо | шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 2, кӯчаи И. Сомонӣ | 0,02 | 640,6 | 1 648 150 |
| 33 | Бинои толори «Олами кӯдакон» | шаҳри Турсунзода, кӯчаи Чапаев | 0,33 | 3558,6 | 33 186 792 |
| 34 | Дорухона | шаҳри Турсунзода, кӯчаи Б.Ғафуров | 0,02 | 366,3 | 4 037 139 |
| 35 | Фермаи ширӣ - молӣ | шаҳри Турсунзода, хоҷагии Наврӯз, деҳаи Навосой | 2,8 | 6797,6 | 2 775 821 |
| 36 | Бинои филиал дар шаҳри Турсунзода | шаҳри Турсунзода, кӯчаи И.Сомонӣ - 30а | 0,03 | 405 | 3 995 249 |
| 37 | Гармхонаи «Тобистон» | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Қипчоқ б/р | 29,7 | 71145,0 | 22 519 026 |
| 38 | Тарабхона | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Тангаӣ | 0,25 | 164,4 | 542 441 |
| 39 | Бозори «Хайр» | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Н. Розиқов | 2,3 | 8385,9 | 19 547 496 |
| 40 | Заводи хурди хиштбарорӣ | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Бӯстон (ҶДММ Диамант и К) | 0 | 0 | 693 822 |
| 41 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Варзоб | ноҳияи Варзоб, деҳаи Варзоб, кӯчаи Ленин - 5 | 0,02 | 246,6 | 2 082 377 |
| 42 | Мағозаи хӯрокворӣ | ноҳияи Варзоб, деҳоти Лучоб, деҳаи Дурманбулоқ | 0,06 | 97,4 | 160 564 |
| 43 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Варзоб, деҳоти Лучоб, деҳаи Дурманбулоқ | 0,27 | 439,0 | 359 086 |
| 44 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Варзоб, деҳоти Лучоб, деҳаи Дурманбулоқ | 0,14 | 498,0 | 257 279 |
| 45 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Варзоб, деҳоти Лучоб, деҳаи Косатароши боло | 0,2 | 555,1 | 599 017 |
| 46 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Варзоб | ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзобқалъа | 0,28 | 635 | 4 801 936 |
| 47 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Сомониён (ноҳияи Рӯдакӣ) | ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Турдиев - 17 | 0,10 | 536,1 | 2 243 759 |
| 48 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Шаҳринав | ноҳияи Шаҳринав, кӯчаи Мухтор Бақоев, б/р | 0,17 | 1125,9 | 5 305 797 |
| 49 | Заводи пахтатозакунӣ | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр, кӯчаи Б.Ғафуров | 10,5 | 6233,0 | 6 078 758 |
| 50 | ҶСП «Парандапарварии Шаҳринав» бо дарназардошти таҷҳизот ва таъмири асосӣ | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Турсунзода, кӯчаи К.Хуҷандӣ | 125,4 | 115772,0 | 103 500 000 |
| 51 | Шипанг (бозорча) | ноҳияи Шаҳринав, деҳаи Чузӣ | 0 | 1000,0 | 1 600 000 |
| 52 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Шаҳринав | ноҳияи Шаҳринав, кӯчаи И. Сомонӣ | 0,05 | 582 | 4 411 680 |
| 53 | Маркази хизматрасонии бонкии ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Ёвон | ноҳияи Ёвон, кӯчаи Ленин - 36 | 0,0 | 300,4 | 1 273 268 |
| 54 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Ёвон | ноҳияи Ёвон, кӯчаи К.Мирзоев -10 | 0,22 | 774,0 | 3 319 502 |
| 55 | Воситаҳои асосӣ (чорвопарварӣ) | ноҳияи Ёвон, деҳоти Даҳана, деҳаи Ҷавонӣ | 2,4 | 1630,7 | 276 697 |
| 56 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Ёвон, деҳоти Ситораи Сурх, деҳаи Чӯпонобод | 0,25 | 376,8 | 190 843 |
| 57 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Ёвон, шаҳраки Ҳаёти нав, деҳаи Ҳамза | 0,15 | 498,4 | 343 130 |
| 58 | Заводи пахтатозакунии «Анахит» | ноҳияи Ёвон, деҳаи Г. Юсуфова, деҳаи Тутбулоқи нав | 0,52 | 2151,5 | 3 750 031 |
| 59 | Бинои меҳмонхона дар ноҳияи Ёвон | ноҳияи Ёвон, кӯчаи Ленин - 2 | 0,05 | 344 | 3 970 806 |
| 60 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Дарбанд | ноҳияи Нуробод, шаҳраки Дарбанд, кӯчаи Розиқов - 9 | 0,18 | 606,0 | 2 158 593 |
| 61 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Лахш | ноҳияи Лахш, кӯчаи Сомониён - 38 | 0,10 | 256,9 | 821 168 |
| 62 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Роғун | шаҳри Роғун, кӯчаи Ҷавонон - 7 | 0 | 162,0 | 457 812 |
| 63 | Бинои нуқтаи интиқоли маблағҳо | ноҳияи Рашт, деҳаи Ҳоит | 0,60 | 113,0 | 239 504 |
| 64 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Тоҷикобод | ноҳияи Тоҷикобод, кӯчаи И.Сомонӣ б/р | 0,10 | 330,0 | 1 548 648 |
| 65 | Бинои маъмурӣ ва бошишгоҳи техникӣ | шаҳри Роғун, майдони сохтмонии №3 | 0 | 0 | 421 922 |
| 66 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Лахш | ноҳияи Лахш, Ҷамоати деҳоти Ваҳдат | 0,09 | 432 | 3 333 461 |
| 67 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Норак | шаҳри Норак, кӯчаи Ленин - 11 | 0,02 | 203 | 1 632 343 |
| 68 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Қалъаи Хумб | ноҳияи Дарвоз, деҳаи Қалъаи Хумб, кӯчаи Шоҳмансур - 16 | 0,14 | 662,2 | 3 343 141 |
| 69 | Маркази хизматрасонӣ дар деҳаи Сағирдашт | ноҳияи Дарвоз, деҳаи Сағирдашт | 0,10 | 173,0 | 306 857 |
| 70 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Дарвоз | ноҳияи Дарвоз, Ҷамоати деҳоти Қалъаи Хумб, кӯчаи Шоҳмансур - 87/1 | 0,2 | 366 | 2 711 165 |
| 71 | Маркази хизматрасонии бонкии ҶСК «Агроинвестбонк» | ноҳияи Шуғнон, шаҳраки Ваҳдат | 0,13 | 663,7 | 3 094 007 |
| 72 | Мошинсарой | ноҳияи Шуғнон, деҳаи Ванқалъа | 0,67 | 2031,3 | 710 955 |
| 73 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Шуғнон | ноҳияи Шуғнон, кӯчаи Меденшор | 0,14 | 378 | 3 044 356 |
| 74 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Ишкошим | ноҳияи Ишкошим, деҳаи Ишкошим, кӯчаи Н. Раҳмонӣ - 2 | 0,22 | 328,3 | 1 196 119 |
| 75 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Ишкошим | ноҳияи Ишкошим, кӯчаи М.Бобоков | 0,06 | 378 | 2 663 952 |
| 76 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Рӯшон | ноҳияи Рӯшон, деҳаи Рӯшон, кӯчаи Ленин - 16 | 0,14 | 550,9 | 2 829 176 |
| 77 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Рӯшон | ноҳияи Рӯшон, маркази ноҳия | 0,15 | 395 | 2 783 381 |
| 78 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Роштқалъа | ноҳияи Роштқалъа, кӯчаи Ҷавонӣ | 0,07 | 225 | 1 459 606 |
| 79 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Мурғоб | ноҳияи Мурғоб, деҳаи Мурғоб, кӯчаи Сомонӣ - 16 | 0,16 | 333,9 | 1 669 601 |
| 80 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Ҳисор | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Ф. Абдуллоев - 25 | 0,03 | 1688,9 | 7 004 782 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10 ⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 15-уми декабри соли 2022 музоядаи № 11-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металҳои сиёҳ ва чӯян баргузор менамояд

**1.** 151,35 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ ва чӯяни Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нафту газ» бо нархи ибтидоии 151350 сомонӣ.

**2.** 6,2 тонна пораву партовҳои металҳои чӯяни Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нафту газ» бо нархи ибтидоии 4960 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатии оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 1930049532-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба Каримов Насриддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 1830035350-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба Гулмадов Шукурҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 1830078800-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба Назаров Абдуллоҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ №1830025166-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба Одинаев Далер додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии №К – 19050-и гумшуда, ки онро филиали Донишгоҳи миллӣ-тадқиқотии технологии «МиСиС» соли 2019 ба Хурамов Равшан Махмудович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи нафақагирии №11412-и гумшуда, ки онро РМИ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-уми июни соли 2012 ба Меликов Маҳмадмурод Саидович додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои фаъолияти соҳибкории инфиродии №451-и гумшуда, ки онро 31-уми августи соли 2012 Нозироти андози ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон ба Кулматова Ҷамила (РЯМ 3230041476) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи бақайдгирии фаъолияти соҳибкории гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2013 ба Оева Мавлуда Саидбековна додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино, бинои 137, квартираи 9 ба Одинаева Супҳонгул Абдуловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Сино -1 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино, бинои 137, квартираи 9 ба Одинаева Супҳонгул Абдуловна додаанд, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи 2М-107, кори меросии 115/2021-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор 5-уми июли соли 2021 бо суроғаи шаҳр Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи Худойдодов, хонаи 10 ба Қурбонова Дилафрӯз Саидумаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии №0161012-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и шаҳри Душанбе соли 2015 ба Розиқов Аминҷон Абдулмаҷидович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 0930141273-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор 18-уми майи соли 2017 ба Неъматов Самариддин Салоҳиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии дороиҳои №0002394-и гумшуда, ки онро Комиссия оид ба қонунигардонии дороиҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 20-уми майи соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Обчакорон, хонаи 630/4 ба Абдураҳимова Парвина Ғафоровна (РМА 037786672) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ №1830072512-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2016 ба Ғуломов Акрамхон додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ №1830099398-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2020 ба Сатторов Собирҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ №1830080991-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2017 ба Раҳмонова Қурбонӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти № 0050033-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 16-уми апрели соли 2013 ба Аралов Аҳмад Бобоназарович (РЯМ 3230024995) додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17-уми марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 25 ноябри соли 2022, соати 14:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33410 нусха*

Навбатдорони шумора
С. Суннатӣ ва Б. Каримзода

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров